**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА – 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 19 июни соли 2021** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–004 тадқиқоти диссертатсионии Мирзозода Меҳридини Шамсуддинро дар мавзӯи: «Танзими савдои хориҷии хизматрасониҳо дар низоми бисёрҷонибаи савдо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Диловар Баҳриддин), тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Раҷабов Раҷаб Кучакович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат» **Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович**, баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Одинаев Ҳ.А., Умаров Ҳ.У.–ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–004 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса оид ба саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият, интишорот ва натиҷаҳои диссертатсияи Мирзозода Меҳридини Шамсуддин,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Мирзозода Меҳридини Шамсуддин дар мавзӯи: «Танзими савдои хориҷии хизматрасониҳо дар низоми бисёрҷонибаи савдо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба талаботи пешбининамудаи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, тибқи «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферат ва интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Мирзозода Меҳридини Шамсуддин дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.

4. Аз КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Мирзозода Меҳридини Шамсуддин бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонида шавад.

Кӣ ҷонибдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, ҷаласаи Шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

***Раиси Шӯрои***
***диссертатсионӣ, д.и.и, профессор*** ***Ҳ.Р.Исайнов***

***Котиби илмии Шӯрои***
***диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент*** ***М.А. Саидмуродова***

***19 июни соли 2021***